**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ)**

аз 18 майи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло (раис), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Хоҷамаҳмад (аъзо), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 25-юми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №5/КЭ таъсис дода шудааст, диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб меёбад. Дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба баъдисаноатӣ идома дорад, омили асосии рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, иқтисодиёти ба дониш асосёфта муҳаррики асосии рушди устувори пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ буда, дараҷаи рақобатпазирии мамлакатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муқаррар менамояд.

Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ва баъд аз он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти муҳимми амалӣ дошта, имкон медиҳад, ки самтҳои навсозии хоҷагии халқ асоснок ва механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии гузариш ба модели инноватсионии рушд коркард карда шаванд. Бо дарназардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, солҳои 2026-2030 марҳилаи ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат ва ташаккули иқтидорҳои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо муайян карда шудааст, ки зарурати баланд бардоштани саҳми сармояи инсониро дар рушди иқтисоди мамлакат тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, вусъати раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дар самти гуногунсозии сохтори иқтисодиёт, баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, вусъатдиҳии раванди ҳамгироӣ бо ҷомеаи баъдисаноатӣ гузаронидани ислоҳоти муҳимро ва дар ин замина таҳқиқотҳои нави илмиро дар ин самт тақозо менамояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шуда, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои нав таҳқиқшаванда дар назарияи иқтисодӣ ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 (№353/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, тахти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ аст.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар

ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ инҳо таъин карда шаванд:

- **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
- **Содиқова Шукрона Корчаевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидмуродзода Л.Ҳ.

**Аъзои комиссия**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Ш.Б.